# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» вобаста ба қабули диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ»,барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Дар мавриди таҳлил ва натиҷабардории кори диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.(раис); доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А.; номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Олов С.ба хулосаи зерин омаданд:

1. Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод намудаи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» , кори илмӣ-тадқиқотии мустақилона иҷрогардида буда, бо пешниҳодҳои нави илмӣ-методӣ ҷамъбаст гардидааст.Диссертатсия ба равияи ихтисоси Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ буда, ба талаботҳое,ки ба диссертатсияҳои номзади илмҳои педагогӣ пешбинӣ шудааст ҷавобгӯй мебошад. Дар тадқиқоти мазкур масъалаҳои ҳалталаби соҳаи маориф ва илми педагогика мавриди таҳлил ва натиҷабардорӣ қарор дода шудааст,аз ҷумла,мушаххас намудани мақоми акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсию касбии онҳо;аз нигоҳи назариявӣ асоснок намудани талаботҳои педагогие,ки сабабгори инкишофи мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар ҷараёни таҷрибаомӯзии

педагогӣ мегардад;амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ коркард гардидааст,ки мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаро тақвият мебахшад;ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии фаъолияти омӯзгорон дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ;коркарди тавсияҳои илмӣ-методӣ оиди ташаккули мавқеи омӯзгорон дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ. Вазифаҳои мавриди таҳлил гузоштаи муҳаққиқ аз он гувоҳӣ медиҳанд,ки дар марҳилаи имрӯза ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ ва мавқеи омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ташкилу баргузории он муаммои ҳалтаби соҳа буда, аҳамияти махсус пайдо кардааст.

2. Диссертатсияи Нуралиев М. И. ба талаботи бандҳои 31-33-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илм муқаррар кардааст,ҷавобгӯй мебошад.

3. Мавзӯъ,мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ мебошад.Кори тадқиқотӣ ҳамчунин ба талабот Феҳрасти ихтисосҳо, ки аз рӯи он бо Қарори Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад,ҷавобгӯй мебошад.

4. Ба натиҷаҳои назарраси ноилшудаи муаллифи диссертатсия, ки навгонии тадқиқотро муайян мекунад, нуктаҳои зеринро дохил намудан мумкин аст: 1. Мақоми акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсию касбии онҳо мушаххас; 2.Шароитҳои педагогие,ки дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ сабабгори рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда мегардад,муайян ва таҳлилу натиҷабардорӣ карда шудааст; 3Дар ҷараёни тадқиқот амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шудааст; 4. Бо воситаи баргузор намудани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони

оянда муайян карда шудааст; 5. Оид ба ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Мақсад ва вазифаҳое,ки дар аппарати илмии диссертатсия гузошта шудааст, бомуваффакият роҳи ҳалли худро афтааст. Хулосаҳои ниҳоии диссертатсия боэтимод мебошанд. Мӯҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии аз чоп баровардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Автореферат ва маводҳои нашршуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Усулҳо ва методологияи дар диссертатсия истифодашуда ба мавзуи он комилан мувофиқат менамояд.

6. Мазмуни натиҷаҳои асосии илмӣ,ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаҳо ва мӯҳтавои диссертатсия дар 10 мақолаи илмии аз чоп баровардаи муаллиф инъикоси худро ёфтаанд, ки 7 номгӯи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия нашр шудаанд. Шумораи интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад.

7. Дар кори диссертатсионӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Нуралиев М.И. маълумотҳои нодуруст ҷой надоранд.

Умуман кори диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ», тадқиқоти ҷамъбастшуда ва мустақил буда, ҳалли масъалаҳои муайяни соҳаҳои мактабу маориф ва педагогикаро пешниҳод менамояд.Интихоби мавзӯъ,сохтор,мазмун ва мӯҳтавои кор ба талаботҳои барои диссертатсияҳои номзади илмҳои педагогӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Бо назардошти банди 53 "Низомнома оид ба шуроҳои диссертатсионӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад:

1. Кори диссертатсионии Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи «Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оияндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» , ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии зерин таъин карда шаванд:

1. **Шаропов Шавкат Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», узви шӯро.

2. **Гулова Нажиба Абдумажитовна** – номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Данғара

3. **Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдулоҳ Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

4. Ба чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Ба ҷойгир кардани эълон дар бораи ҳимоя дар сомонаи МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.
**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Олов С.